# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.05.2026, №82**

Барои сазовор донистани Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, санаи 16 марти соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №105 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ, 22-юми марти соли 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ унвонҷӯйи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ соли 2016 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Раштро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф, бо баҳои аъло хатм намудааст. Соли 2018 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, шуъбаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз дар комплекси агросаноатӣ бо дипломи аъло бомуваффақият хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2022, бо протоколи №9/5.9 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ таъин шудааст.

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2018 оғоз намуда, солҳои 2018-2019 дар вазифаи ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти факултети иқтисод ва идораи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт кор кардааст. Минбаъд, солҳои 2019-2022 вазифаи мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент, солҳои 2022-2024 муовини декан оид ба таълим, солҳои 2024-

2025 декани факултети иқтисод ва идораро ба уҳда доштааст. Ҳамзамон, аз соли 2020 ба ҳайси муаллими калони кафедраи зикршуда фаъолият намуда, аз 1 сентябри соли 2025 то имрӯз дар мақоми сардори раёсати таълими ҳамин донишкада кору фаъолият дорад.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Назирӣ Гулбаҳор Назир** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон;

**- Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҷойи кор ҳангоми иҷозати ҳимоя. Ҳоло ба ҳайси дотсенти кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкӣ Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи кори бонкӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №9, аз 25.04.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин бо имзо ва муҳри муассиса санаи 27.04.2026 тасдиқ гардидааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва бахсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 19 интишороти илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**

***Интишорот дар нашрияҳои илмии тақризшаванда:***

[1-М]. Миршарипов, Э.Қ. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №1. - С. 152-157.

[2-М]. Миршарипов, Э.Қ. Қарз ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, Ш. Умаршоева // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - №4/2 (34). - С. 188-195.

[3-М]. Миршарипов, Э.Қ. Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи саноати сабук [Матн] / Э.Қ. Миршарипов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. - №3 (37). - С. 414-423.

[4-М]. Миршарипов, Э.Қ. Масъалаҳои қарздиҳии соҳаи саноат ва таъмини рушди он дар шароити имрӯза [Матн] / Э.Қ. Миршарипов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. - №4/2 (39). - С. 275-283.

[5-М]. Миршарипов, Э.Қ. Баъзе масъалаҳои асосии таъмини қарздиҳӣ ба рушди соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Қ. Миршарипов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - №1 (66). - С. 132-142.

[6-М]. Миршарипов, Э.Қ. Масъалаҳои рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии он дар шароити саноатикунонии босуръати мамлакат [Матн] / Ш.Қ. Хайрзода, Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - №6-2. - С. 42-52.

[7-М]. Миршарипов, Э.Қ. Масъалаҳои асосии баланд бардоштани иқтидори саноати мамлакат дар заминаи воситаҳои инноватсионӣ [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, С.А. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - №7. - С. 78-83.

[8-М]. Миршарипов, Э.Қ. Нақши қарзҳои бонкӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноат дар минтақаи Рашт [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, М.А. Ниёзов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - № 3 (68). - С. 48-55.

[9-М]. Миршарипов, Э.Қ. Принсипҳои асосии қарздиҳӣ ва аҳамияти онҳо дар муомилоти қарзӣ [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, М.А. Ниёзов / Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №3 (42). - С. 218-230.

***Дар дигар нашрияҳо:***

[10-М]. Миршарипов, Э.Қ. Саҳми низоми бонкӣ дар рушди деҳот, тақвияти ҳунарҳои мардумӣ дар минтақаи Рашт: мушкилот ва роҳу услуби бартараф кардани онҳо [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, М.А. Ниёзов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. - №2 (2). - С. 70-74.

[11-М]. Миршарипов, Э.Қ. Динамикаи нишондиҳандаҳои фоизи амалиётҳои бонкӣ ва таҳлили тағйирёбии он [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, И.Қ. Ҷумаев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (10 феврали соли 2023), ДМТ - Душанбе. - С. 205-210.

[12-М]. Миршарипов, Э.Қ. Воситаҳои қарзӣ сарчашмаи асосии рушди саноат [Матн] / Э.Қ. Миршарипов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии

байналмилалии «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати мамлакат» (27 майи соли 2023), ДОТ дар н. Рашт. - С. 40-44.

[13-М]. Миршарипов, Э.Қ. Масоили рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. - №3 (15). - С. 154-159.

[14-М]. Миршарипов, Э.Қ. Масъалаҳои қарздиҳии соҳаи саноат ва таъмини рушди он дар шароити имрӯза [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, Р. Давлатзода, М. Рустамзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» (07 декабри соли 2023), ДДМИТ - Душанбе. – С. 312-316.

[15-М]. Миршарипов, Э.Қ. Таҳлил ва арзёбии қарздиҳии низоми бонкӣ дар рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Қ. Миршарипов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Масоили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва менеҷмент дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (14-уми марти соли 2024), ДОТ дар н. Рашт- Рашт. – С. 44-52.

[16-М]. Миршарипов, Э.Қ. Нақши қарз дар пешрафти иқтисодиёт [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, Ҳ.Ҷ. Давлатов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. - №1 (1). – С. 157-165.

[17-М]. Миршарипов, Э.Қ. Баҳодиҳии иқтидори истеҳсолию содиротии маҳсулотҳои саноатӣ ва дастгирии он дар заминаи қарзҳои бонкӣ [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. - №1 (1). – С. 173-181.

[18-М]. Миршарипов, Э.Қ. Масъалаҳои асосии рушди соҳаи саноати сабук ва таъмини қарздиҳии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Қ. Миршарипов, А.Ш. Шарипов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт» (18-19-уми апрели соли 2024), ДДД - Данғара. – С. 76-80.

[19-М]. Миршарифзода, Э.Қ. Таҷрибаи хориҷии рушди саноати сабук ва дастгирии он дар шароити инноватсиякунонии раванди истеҳсолот [Матн] / Э.Қ. Миршарифзода // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. - №2 (2). – С. 181-189.

**Тақризҳо ба автореферати диссертатсия:**

**Тақриз аз Досиев М.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Ҷанбаҳои муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷиро оид ба истифодаи воситаҳои қарзӣ дар рушди саноати сабук дар автореферат ба таври мушаххастар нишон медод.

**Тақриз аз Бобозода К.О. – доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи милии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1. Мушаххас намудани фишангҳои молиявию институтсионалӣ ва шароити татбиқи пешниҳоди методӣ метавонист робитаи байни натиҷаҳои назариявӣ ва татбиқи амалии онҳоро бозҳам пурзӯр намояд.

**Тақриз аз Муртазозода О. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферати диссертатсия беҳтар мегардид агар муаллиф воситаҳои қарзиро аз нуқтаи назари институтсионалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, гурӯҳи воситаҳои истифодашавандаи қарзиро дар соҳаи саноат нишон медод.

2. Мазмунан таҳқиқот бурд мекард агар муаллифи рисола роҳҳои ҳавасмандгардонии давлатро ба хотири бештар намудани қарзҳои имтиёзноки бонкӣ мушаххасан таҳқиқ менамуд.

3. Мушкилотҳои қарзии низоми бонкӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт агар дар автореферат оварда мешуд таҳқиқот дигаргун мегардид.

**Тақриз аз Шомаҳмадзода Ф.Ш. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Таҳқиқот дигаргун мегардид агар муаллифи рисола ҳолати қарздиҳии низоми бонкиро аз нуқтаи назари танқидӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- консепсияи** муаллиф аз асоснок кардани заминаҳои назариявию институтсионалии қарздиҳии бонкӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои иқтисодӣ иборат буда, дар доираи он, муаллиф механизмҳо ва шаклҳои амалии

танзими қарзҳои саноатиро таҳия намуда, таъсири ҳавасмандкунандаи захираҳои қарзиро ба рушди иқтисодии корхонаҳо илман исбот ва зарурати тавсеаи дастгирии молиявии соҳаро асоснок кардааст.

**- исбот шудааст**, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ баланд бардоштани нақши воситаҳои қарзӣ дар рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррар кардани мавқеи он дар сохтори саноати миллӣ танҳо бо ташаккули низоми ҳамаҷонибаи қарздиҳии бонкӣ, ки ба тавсеаи иқтидори қарзии бонкҳо, мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ, такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ имконпазир мебошад.

**- роҳҳои** такмили истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои дастрасии корхонаҳои соҳа ба захираҳои қарзӣ, рушди низоми қарздиҳии гуногуншакл вобаста ба талаботи доимии соҳа аз тарафи муаллиф бодарназардошти таҳлилҳо ва муайян намудани андозаи талабот пешниҳод гардидааст. Иловатан, муаллиф роҳҳои афзоиш додани ҳаҷм ва ҳиссаи қарздиҳии соҳаи саноати сабукро дар Ҷумҳурии Тоҷикстон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар робита ба ин, тавсияҳои амиқ санҷидашуда дар самти афзоиши қарзҳои имтиёзнок ва ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабук пешниҳод гардидааст.

***- тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** *а)* таъсири воситаҳои қарзӣ ба рушди соҳаи саноати сабуки Тоҷикистон баррасӣ гардида, иқтидори таъсиррасонии воситаҳои қарзӣ дар ин самт вобаста ба ҳаҷм ва ҳиссаи онҳо муайян гардида, роҳҳои фаъолгардонии низоми бонкии кишвар низ пешниҳод гардидаанд; б) гуногунрангии воситаҳои қарзӣ ва дар ҳамин замина, баланд бардоштани самараи қарздиҳӣ дар сатҳи зарурӣ пешниҳод гардида, тақвияти рушди минбаъдаи он бо истифода аз коркардҳои муаллифӣ исбот ва пешниҳод шудааст; в) тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани ҳаҷм ва ҳисаи воситаҳои қарзӣ ба соҳаи саноати сабуки кишвар бо истифода аз механизмҳои муассир ва самарнок пешниҳод гардидааст.

***- омилҳое, ки ба афзоиши пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба соҳаи саноати сабуки кишвар монеъ мешаванд,*** муайян карда шудаанд, ки сатҳи баланди фоизи қарзҳои бонкӣ, дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ, сатҳи баланди хавфҳои қарзӣ, шаффоф набудани фаъолияти молиявии корхонаҳо, нокифоя будани гарав, намбудани механизмҳои мутобиқи пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ ба соҳаи саноати сабук, набудани қарзҳои дарозмуддату имтиёзноки бонкӣ ва фондҳои кафолатӣ иборатанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии диссертатсия бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда дар ҳамбастагӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бонкдорӣ, саноат, асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, нашрияҳои Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ), маводи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, иттилоот аз сомонаҳои интернетӣ ва коркардҳои худии муаллиф асоснок гардидааст.

***- исбот шудааст,*** ки воситаҳои қарзӣ дар шароити имрӯза метавонад ба василаи як имконияти нав дар рушди технологии соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф исбот гардидааст, ки дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар ва татбиқи амалии ҳадафи чоруми стратегии мамлакат зарурати такмили низоми қарздиҳии корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтар кардани механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ, инчунин тавсеаи воситаҳои дигари дасгирии қарзӣ, ки ба рушди иқтисодии корхонаҳои саноати сабук мусоидат мекунанд, ба миён омадааст, ки татбиқ намудани онҳо боиси рушди соҳа мегардад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи*** илмие асоснок ва пешниҳод шудааст, ки дар мавриди истифодаи воситаҳои қарзӣ талаботҳои гуногуни соҳа ба шаклҳои алоҳидаи қарз қонеъ гардида, имконияти қарздиҳии бештар ва идорашавандагии хавфҳо дар муносибатҳои қарзӣ самараноктар мегардад. Ҳамчунин, рушди низоми қарздиҳии бонкӣ ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагонро дар сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳурӣ боло бардошта, нерӯи содиротии кишварро баланд ва мувозинати талабот ва нархҳоро дар давраи дарозмуддат дар дохили кишвар нигоҳ медорад. Дар ин баробар, воситаҳои қарзӣ ба василаи як механизми диверсификатсияшуда дар шароити имрӯза, ки баромад менамоянд.

***- самтҳои*** рушду такомулдиҳии муқаррароти назариявию методологии қарздиҳии бонкӣ ва асоснок кардани механизмҳои амалии истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

***- омӯхта шудаанд:*** 1) ҷанбаҳои назариявӣ ва масъалаҳои консептуалии низоми қарздиҳӣ, муқаррароти назариявии рушди муносибатҳои қарзӣ, хусусиятҳои институтсионалии ташаккули онҳо дар саноат дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф ошкор карда шуда, таърифи муаллифии воситаҳои қарзӣ пешниҳод шудааст; 2) аз ҷониби муаллиф мушкилоти асосии қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, таъсири воситаҳои қарзӣ ба рушди иқтисодии онҳо асоснок ва мавқеи саноати сабук дар сохтори истеҳсолоти саноати миллӣ муайян карда шудааст.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии таъмини корхонаҳои саноати сабук бо воситаҳои қарзӣ ва механизмҳои пешниҳоду баргардонидани воситаҳои қарзӣ барои рушди соҳаи саноати сабук арзёбӣ гардида, имкониятҳо ва самтҳои стратегии рушди соҳаи саноати сабук дар асоси тавсеаи қарзӣ мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Амалиётҳои бонкӣ», «Фаъолияти бонкӣ» ва ғайраҳо дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади №22/251 аз 23 декабри соли 2024). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар КВД БА ҶТ «Амонатбонк» (санад аз 27.08.2025, аз филиали №76 дар ноҳияи Рашт) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***консепсияи*** татбиқи ҳамкориҳои муфиди давлат ва низоми бонкӣ бо бахши саноати сабуки кишвар, пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба ҳамаи корхонаҳои саноатии истеҳсолкунандаи маҳсулоти воридотивазкунанда дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар, таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии он мукаммал гардонида шудааст.

- ***стратегияи*** тақвияти раванди таъмини корхонаҳои соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаҳои қарзӣ тавассути асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ, ҷалби маълумотҳои дақиқ оид ба мавзуи таҳқиқот ва коркарди омории онҳо, пешниҳодҳо доир ба таҳкими равандҳои қарздиҳӣ, кифоягии ҳаҷми кори диссертатсионӣ ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои кори илмӣ дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст.

- ***пешниҳод ва асоснок шудааст:*** ҷолибияти соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби воситаҳои қарзии бонкӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ, таҳлил ва дарёфти ҷанбаҳои қавии ҷалби воситаҳои қарзӣ ба корхонаҳои саноатии кишвар, равандҳои пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба корхонаҳои саноати сабук, таъсири воситаҳои қарзӣ ва дигар воситаҳои молиявию қарзӣ, инчунин маблағгузориҳои буҷетӣ ба соҳаи саноати сабуки мамлакат.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба рушди низоми қарздиҳӣ ва дивесификатсияи низоми қарзӣ дар соҳаи саноати сабук, нақши низоми бонкии кишвар дар рушди саноати сабуки кишвар, ҳавасмандгардонии низоми бонкии кишвар барои афзоиши қарздиҳӣ ба бахши саноати сабки кишвар ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини рушди устувори иқтисодиро имконпазир гардонида, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ ва дастгирии истеҳсолоти дохилӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи роҳҳои баланд бардоштани ҳаҷм ва ҳиссаи қарздиҳӣ ба саноати сабуки кишвар **пешниҳодҳо шудаанд**: 1) Ташкили бонкҳои махсусгардонидашудаи соҳавӣ ва дар ҳамин замина, қабули стратегияи рушди қарздиҳии бахши саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2). Рушди низоми таълим ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, таъмини роҳҳои соддагардонии низоми қарзиҳӣ, афзоиши бамаротиби дивесификатсияи қарздиҳӣ; 3). Пешгирии таъсири хавфҳои муосир дар ҳолати қарздиҳӣ ва баназаргириии имкониятҳои бозпасгардонии қарзҳо; 4). Истифодаи шаклҳои гуногуни қарздиҳӣ ба бахши саноати сабуки кишвар.

***- усулҳои*** умумии илмӣ ва махсуси дарки равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла равишҳои муназзам ва институтсионалӣ, усулҳои таҳлил ва таркиб, индуксия ва дедуксия, истисноии илмӣ ва ҷамъбасткунӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот инчунин, усулҳои иқтисодию оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили сохторӣ, арзёбии коршиносӣ истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраротӣ мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 82,44% ва 97,3% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллифи рисолаи илмӣ дар исботи воситаҳои қарзӣ ва аҳаммияти фарогирӣ он дар соҳаи саноати сабук саҳми арзанда гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиш муаллифи рисолаи илмӣ исбот намудааст, ки воситаҳои қарзӣ шакли инкишофёфтаи қарз буда, татбиқи диверсификатсияро дар ин самт асоснок менамояд; 3) муаллиф исбот намудааст, ки воситаҳои қарзӣ дар шароити имрӯзаи саноатикунонӣ бо дарназардошти рақамикунонӣ, инноватсиякунонӣ ва ташаккули истеҳсолоти дохилӣ дар асоси захираҳои молиявии дохилӣ метавонанд ба василаи яке аз воситаҳои асосӣ баромад намуда, рушди соҳаи саноати сабукро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд; 4) дар омода намудани 19 мақола, аз он ҷумла 9 адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмилу рушди раванди таъмини саноати сабук ва истеҳсолоти дохилӣ бо захираҳои қарзӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 9.1, 9.2, 9.3, 9.6 ва 9.7-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 29.05.2026 қарори сазовор донистани Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа

иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**29 майи соли 2026.**